**Суратҷаласаи № 4**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-033 дар назди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ

аз «15» декабри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2022, №86/шд тасдиқгардида, 9 нафар, ки аз онҳо 5 нафарашон доктороні илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи **«Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор»,** (Роҳбари илмӣ доктори илмҳои биология, профессор Юсупова Ф.Н.) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика, ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Ахбори муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.б., узви вобастаи, АМИТ Саидов А.С дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Дилшоди Ҳабибулло ба шурои диссертатсионӣ. Муовини шурои диссертатсионӣ, узви вобастаи, АМИТ Саидов А.С ба аъзои шуро иттилоъ дод, ки бинобар сабаби доктаранти (PhD) Дилшоди Ҳабибулло шогирди раиси шурои диссертатсионӣ д.и.б., профнссор Носирова Ф.Ю буданашон, тибқи талаботи КОА назди Президенти ҶТ Носирова Ф.Ю. ҳуқуқи раиси шуро буданро надорад. Бинобар ин дар ҷаласаи имрӯза ман ҳамчуни муовини шурои диссертатсиони ҷаласаро пеш мебарам. Дигар аъзои шуро номзадии д.и.б., узви вобастаи, АМИТ А.С. Саидовро барои гузаронидани ҷаласаи шуро якдилона қабул карданд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертационӣ н.и.к Мубалиева Ш.М. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Дилшоди Ҳабибулло ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани

